«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
**Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент**
**_____________ Сафарзода Д.Ч.**
**«_11_» ____08________ соли 2025**

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мунавар дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мунавар дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Аввалан бояд қайд намуд, ки то имрӯз дар доктринаи ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ проблемаи танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия нагардида, масъалаи таҳқиқшаванда як қатор саволҳоро ба миён меоварад, ки ҷавобҳои назариявӣ ва ҳалли амалиро низ талаб мекунанд. Аз тарафи дигар, сухан дар бораи навсозӣ ва такмили қонунгузории миллӣ меравад, ки дар он масоили танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаккули дастгоҳи консептуалӣ, мавқеи он дар низоми дигар ҳуқуқҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, механизмҳои амалишавӣ, кафолатҳо ва асосҳои маҳдудсозии он дар шароити ҳуқуқи муосири тоҷик ташаккул меёбад. Воқеан ҳам, масъалаи танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бисёрҷанба мебошад. Вазифаи бунёди давлати ҳуқуқбунёд ва демократӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳкими

ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб меравад.

Бояд иброз дошт, ки новобаста аз гузаронидани баъзе таҳлилҳо ва таҳқиқотҳои анҷомдодашуда, ҳоло ҳам дар ин самт масъалаҳои зиёди ҳалношуда боқӣ мондаанд, ки омӯзиш ва таҳқиқи иловагиро тақозо менамоянд. Аз ҷумла, масъалаҳои муҳимми дар самти ҷавобгарии тарафҳои муносибатҳои меҳнатӣ (ҷавобгарии интизомӣ, ҷавобгарии маъмурӣ, ҷавобгарии моддӣ ва ҷавобгрии ҷиноятӣ), масъалаҳои бақайдгирӣ ва тафтиши ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот, бастани шартномаҳои мадании ба шартномаҳои маданӣ алоқаманд ва ғайра. Аз ин рӯ, таҳқиқи амиқи илмӣ ва амалии масъалаҳои мазкур аҳаммияти баланди ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ дошта, барои тақвият ва мукаммал сохтани таъмини ҳуқуқҳои шахс ба меҳнат мусоидати назаррас менамояд.

Бо дарназардошти ин гуфтаҳо, диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мунавар дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳам аз нигоҳи назариявӣ ва ҳам амалӣ муҳим ба ҳисоб меравад.

**Дараҷаи асоснокии гузориши илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудааст.** Дараҷаи асоснокии гузориши илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мунавар дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» оварда шудаанд, арзишманд буда, натиҷаҳои он аз таҳлили ҳамаҷонибаи қонунгузории меҳнатӣ, дигар масъалаҳое, ки ба он алоқанданд ва адабиёти илмӣ бармеояд. Дар кори мазкур усулҳои умумиилмӣ (таҳлил, синтез, моделсозӣ, диалектика) ва усулҳои махсуси илмӣ (таърихӣ, ретроспективӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, мантиқӣ-расмӣ, оморӣ)-и ба меҳнат алоқаманд баррасӣ шуда, масъалаҳои муҳими ҳуқуқ ва озодиҳои шахс ба меҳнат таҳқиқ гардидаанд.

Муаллиф бо далелҳои муътамади илмию таҷрибавӣ пешниҳод намудааст, ки зарурати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омадааст. Хусусан, пешниҳод намудааст, ки меъёрҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки дар асоси Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шудаанд (қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон), ба талаботи Кодекси мазкур мутобиқ карда шаванд. Ҳамчунин пешниҳод намудааст, ки шарҳи баъзе мафҳумҳо дар моддаи 1-и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шавад. Ҳамчунин, муаллиф дар диссертатсияи мазкур бори аввал масъалаи ҳимояи маъмурии ҳуқуқи шахс ба меҳнатро дар баробари ҳимояи судӣ ба миён гузошта, зарурати даровардани тағйиру иловаҳоро ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур шуморидааст.

Хулосаю пешниҳодҳои муаллиф бо таҳлили илмӣ ва маводи кофии амалии ҷамъшуда асоснок гардида, боиси баланд бардоштани самаранокии қонунгузории меҳнатӣ дар самти амалишавии ҳуқуқҳои шахс ба меҳнат хоҳад шуд. Аз ин рӯ, натиҷаҳои кори мазкур ҳам барои илм ва ҳам барои амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ аҳаммияти муҳим доранд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳияти натиҷаҳои гирифташуда.** Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки бори аввал омӯзиши ҳамаҷонибаи моҳият ва мазмуни ҳуқуқи конститутсионии шахс ба меҳнат дар шароити иқтисоди бозорӣ, таҳкими меъёрҳои байналмилалии асосӣ дар соҳаи таъмини ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Конститутсия ва қонунгузории миллӣ, инчунин муайян намудани мавқеи ин ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқҳои инсон зоҳир ёфтааст. Инчунин, дар таҳқиқот кафолатҳои давлатӣ-ҳуқуқӣ, маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ ва шаклҳои ҳифз ва ҳимоя ҳамчун унсурҳои амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва тавсиф шудаанд.

Дар диссертатсия вобаста ба мавзуи баррасишаванда масъалаҳои зерини муҳимми назариявию амалӣ мавриди таҳқиқи амиқ қарор дода шудаанд:

- танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар таҷрибаи ҷаҳонӣ ба намудҳои бавосита ва мустақим, ҷудо шудааст;

- мафҳуми ҳуқуқи шахс ба меҳнатро ҳамчун ҳуқуқи субъективӣ муаррифӣ намуда, онро ҳамчун ҳуқуқе баҳогузорӣ менамояд, ки аз ҷониби давлат дар асоси баёни озоди шахс, имконияти ӯро бахри амалӣ намудани фаъолияти меҳнатӣ дар шаклҳои муқаррарнамудаи қонун, ки бо низоми кафолатҳои давлатии дар қонунгузорӣ муқаррар шудааст, таъмин карда мешавад.

- танзими ҳуқуқ ба меҳнат дар санадҳои байналмилалӣ ба ду гурӯҳ – санадҳои ҳуқуқии байналмилалии дорои хусусияти умумӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии махсуси соҳаи меҳнат ҷудо намуда, пешниҳод шудааст;

- танзими ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар қонунгузории соҳавии меҳнатӣ дорои як қатор хусусиятҳои хос мебошад, ки онро аз қонунгузории дигар соҳаҳо фарқ мекунад;

- дар натиҷаи таҳқиқоти анҷомдодашуда ҳуқуқ ба меҳнат ба гурӯҳи ҳуқуқҳои иқтисодии шахс дохил шудааст;

- таҳти кафолатҳои ҳуқуқ ба меҳнат воситаҳо, усулҳо ва шароитҳое, ки дар қонунгузории меҳнат муқаррар шудаанд, фаҳмида шудааст, ки тавассути онҳо татбиқи ҳуқуқҳои ба корманд дар соҳаи меҳнат додашуда бевосита таъмин карда мешаванд;

- масъалаи танзими конститутсионии маҳдудиятҳои ҳуқуқ ба меҳнат

дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи якҷоякунии банди умумӣ ва тавзеҳҳои мушаххас ба амал бароварда шудааст;

- дар заминаи таъмини ҳуқуқ ба меҳнат ду мафҳум ҷудо карда шудааст: «ҳифзи ҳуқуқ ба меҳнат» ва «ҳимояи ҳуқуқ ба меҳнат». Мафҳуми якум хусусияти пешгирикунанда дорад, дуюм бошад, хусусияти барқароркунандаро доро мебошад;

- усулҳои ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандон ба меҳнат дар се зернизом, вобаста ба нақш ва дараҷаи иштироки давлат дар механизми ҳуқуқи инсон ташаккул меёбанд, қайд шудааст.

Натиҷаҳои таткиқот дар нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва хулосаҳо таҷассум ёфтаанд, ки метавонанд дар такмили меъёрҳои қонунгузории меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти амалишавии ҳуқуқҳои шахс ба меҳнат истифода шаванд.

Саҳеҳияти натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур бо истифода аз маҷмӯи методҳои илмии санҷидашуда, аз ҷумла таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва низомнокӣ таъмин гардидааст. Доираи фарогирии таткиқоти дисертатсионии мазкур давраи истиқлолият аз соли 1991 то соли 2023-ро дар бар мегирад.

Ҳамин тариқ, навгонии илмӣ ва саҳеҳияти натиҷаҳои таткиқоти мазкур заминаи устувори назариявию амалӣ дошта, барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи меҳнатӣ ва такмили қонунгузории меҳнатӣ дар самти танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқҳои шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти назаррас дорад.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои диссертатсияи мазкур ба рушди назарияи ҳуқуқи меҳнатӣ, бахусус дар самти омӯзиши амалишавии ҳуқуқҳои конститутсиони шахс ба меҳнат мусоидат менамояд. Дар диссертатсияи мазкур барои аввалин бор дар сатҳи илмӣ-ҳуқуқӣ масъалаҳои мубрами ин самт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври комплексӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, мафҳумҳои калидӣ дақиқ ва мукаммал гардидаанд, ки барои корҳои минбаъдаи илмӣ дар ин соҳа заминаи назаррас мегузоранд.

Натиҷаҳои тадқиқот имкон медиҳад, ки фаъолияти мақомоти иҷроя дар баробари мақомоти судӣ баҳри амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат беҳтар ва самаранок шавад. Пешниҳодҳои мушаххаси муаллиф ҷиҳати такмил додани қисми 3 моддаи 7, қисми 2 моддаи 15, қисми 2 моддаи 23, қисми 3 моддаи 31, қисми 1 моддаи 54, қисми 1 модаи 55, қисми 1 моддаи 56, қисми 1 моддаи 225, сархати 5 қисми 1 моддаи 291, қисми 3 моддаи 342-и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳимояи маъмурии амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат мусоидат намуда метавонад.

Натиҷаҳои бадастомада ба таъмини амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат мусоидат намуда, баланд бардоштани сатҳи боварии субъектони муносибатҳои меҳнатӣ, махсусан кормандро ба қонун ва мақомоти давлатӣ мусоидат менамояд.

Ҳамин тавр, натиҷаҳои диссертатсия аҳаммияти ҳамаҷонибаи илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дошта, барои баланд бардоштани маърифтаи ҳуқуқии тарафҳои шартномаи мехнатӣ ҷиҳати амалишавии ҳуқуқҳои конститутсионии шахс ба меҳнат саҳми назаррас мегузорад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.**

Эътимоднокии натиҷаи татқиқот бо истифодаи методҳои илмии санҷидашуда, аз ҷумла усулҳои муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, мантиқӣ-шаклӣ таъмин карда шудааст.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо таҳқиқи объективӣ, ҳамаҷонибаи назариявӣ ва амалии танзими ҳуқуқӣ ва татбиқи ҳуқуқ ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мешавад. Эътимоднокӣ, инчунин, дар натиҷаи таҳлили муфассали категорияҳои ҳуқуқӣ ва хулосаҳои илмии аз рӯи онҳо қабулшуда зоҳир мегардад.

Дурустии натиҷаҳои бадастомада бо истифодаи манбаҳои боэътимоди илмӣ ва таҷрибавӣ, ба монанди адабиёти илмии ватанию хориҷӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, қонунгузории миллӣ ва дигар кишварҳои хориҷӣ тасдиқ гардидааст. Таҳлили амиқу дақиқи ин маводҳо имкон медиҳад, ки натиҷаҳо бо далелҳои воқеӣ тасдиқ гардида, аз нуқтаи назари илмӣ ва ҳуқуқӣ ба таври пурра дуруст мебошанд.

Асоснокии натиҷаҳои татқиқот дар он ифода ёфтааст, ки муаллиф бо истифода аз таҳлили ҳамаҷониба, далелҳои ҳуқуқӣ ва амалияи воқеӣ пешниҳодҳои мушаххаси назариявию амалиро барои такмил додани қонунгузории меҳнатӣ таҳия кардааст. Хулосаҳои пешниҳоднамудаи муаллиф бо далелҳои боэътимоди илмӣ, таҳлили мантиқӣ ва таҷрибаи воқеии ҳуқуқтатбиқкунӣ асоснок гардида, барои татбиқ дар қонунгузорӣ ва фаъолияти мақомоти иҷроия заминаи кофӣ дорад.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои татқиқоти мазкур бо дараҷаи баланди эътимоднокӣ, дурустӣ ва асоснокии илмӣ ва амалӣ фарқ карда, барои истифода дар фаъолияти илмӣ, ҳуқуқэъҷодкунӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ мувофиқ ва судманд мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ Мирзозода Шаҳриёр Мунавар дар таҳқиқоти диссертатсионӣ аз сатҳи баланди навгонии илмии кор, масъалагузории илмӣ ва услуби навиштани диссертатсия пурра тасдиқ мегардад. Ҳамаи нуктаҳои асосии илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд,

аз тарафи худи муаллиф коркард ва асоснок гардидаанд.

Саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқоти мазкур, махсусан ҳимояи маъмурии ҳуқуқҳои меҳнатии шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутобиқати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба талаботи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати амалишавии ҳуқуқҳои шахс ба меҳнат назаррас мебошад.

Илова бар ин, саҳми шахсии муаллиф дар мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конфренсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, иштирок дар таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва пешниҳодҳо барои ворид намудани тағйиру иловаҳо ба онҳо зоҳир мегардад, ки бори дигар арзиши амалии натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро нишон медиҳад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**.

Натиҷаҳои таҳқиқоти пешниҳодшуда дар асарҳои нашршудаи муаллиф, аз ҷумла дар 14 мақолаи илмӣ, ки 8-тои онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расидаанд, инъикос ёфтаанд. Дар ин нашрияҳо натиҷаҳои калидӣ, хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои пешниҳодкардаи унвонҷӯ ба таври мушаххас ва возеҳ баён ёфтаанд. Аз ҷумла:

1. Сангинов Д.Ш., Назаров Д.Қ., Мирзозода, Ш.М. Баъзе пешниҳодҳо оид ба такмили Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.М. Мирзозода, Д.Ш. Сангинов, Д.Қ. Назаров // Идоракунии давлатӣ. – 2021. – №1 (50). – С. 131-142. ISSN 2664-0651.

2. Мирзозода, Ш.М. Танзими конститутсионии ҳуқуқи меҳнат[Матн] / Ш.М. Мирзозода // Идоракунии давлатӣ. – 2021. – №4/2 (54). – С. 210-215. ISSN 2664-0651.

3. Назаров Д.Қ., Мирзозода, Ш.М. Танзими ҳуқуқии меҳнати кормандони дар ду (якчанд) ҷойи коркунанда [Матн] / Ш.М. Мирзозода, Д.Қ. Назаров // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2021. – №4 (40). – С. 140-144. ISSN 2305-0535.

4. Назаров Д.Қ., Мирзозода, Ш.М. Хусусияти ҳуқуқии уҳдадориҳои давлатҳои иштирокчии Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ [Матн] / Ш.М. Мирзозода, Д.Қ. Назаров // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2021. – № 3 (23). – С. 264-175. ISSN 2414 – 9217

5. Мирзозода, Ш.М. Танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба меҳнат дар қонунҳо ва дигар санадҳои зерқонунии соҳавӣ[Матн] / Ш.М. Мирзозода // Идоракунии давлатӣ. – 2022. – №4/2 (59). – С. 307-311. ISSN 2664-0651.

6. Диноршоҳ А.М., Мирзозода, Ш.М. Танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба меҳнат дар қонунгузории миллӣ[Матн] / Ш.М. Мирзозода, А.М.

Диноршоҳ // Идоракунии давлатӣ. – 2023. №4-1 (62). – С. 143-153. ISSN 2664-0651.

7. Диноршоҳ А.М., Мирзозода, Ш.М. Танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба меҳнат дар конститутсия [Матн] / Ш.М. Мирзозода, А.М. Диноршоҳ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023, №6. – С. 252-258. ISSN 2413 – 5151

8. Диноршоҳ А.М., Мирзозода, Ш.М. Эволютсияи таъмини конститутсионии ҳуқуқи меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А.М. Диноршоҳ, Ш.М. Мирзозода // Маҷаллаи академии ҳуқуқ.– Душанбе, 2023., №2 (46) – С. 128-133.

9. Мирзозода, Ш.М. Конституционное регулирование права на труд [Текст] / Ш.М. Мирзозода // Материалы республиканской научно-практической конференции «30 лет независимости: этапы пройденного пути, реалии и перспективы». – Душанбе, 2021. – С. 140-143.

10. Мирзозода, Ш.М. Эволюция конституционного закрепления права на труд в Республике Таджикистан [Текст] / Ш.М. Мирзозода // Материалы республиканской научно-практической конференции «Конституция-как фактор стабильности государства»– Душанбе, 2022. – С. 256-263.

11. Мирзозода, Ш.М. Регламентация права на труд в международных документах [Текст] / Ш.М. Мирзозода // Вестник филиала Московского государственного университета имени М.В.Ломоносова в городе Душанбе. – 2022. – №2 (24). – С. 98-107.

12. Салохидинова С.М., Мирзозода, Ш.М. Соотношение права на труд и свободы предпринимательской деятельности [Текст] / Ш.М. Мирзозода, С.М. Салохидинова // Материалы международной научно-практической конференции «XII Ломоносовские чтения» посвященной Дню таджикской науки и 30-летию установления дипломатических отношений между РТ и РФ – Душанбе, 2022. – С. 626-629.

13.Диноршоҳ А.М., Мирзозода, Ш.М. Некоторые вопросы ограничения права на труд [Текст] / Ш.М. Мирзозода, А.М. Диноршоҳ // Материалы международной научно-практической конференции «XIII Ломоносовские чтения» посвященной 115-летию академика Б. Гафурова. – Душанбе, 2023. – С. 122-130.

14. Мирзозода, Ш.М. Худмуҳофизат ҳамчун шакли ҳимояи ҳуқуқ ба меҳнат [Матн] / Ш.М. Мирзозода // Маводи конференсияи байналмилаии илмӣ-амалии «Точикон дар оинаи таърих» бахшида ба 115 -солагии академик Б. Ғафуров – Душанбе, 2023. – С. 135-139.

Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли

2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.**

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Дар муқаддимаи кори мазкур аҳамияти илмӣ ва амалии мавзуъ ба таври мушаххас асоснок гардида, сатҳи тадқиқоти мавзуъ 'дар адабиёти илмӣ арзёбӣ шудааст.Дар баробари ин, мақсаду вазифаҳои тадқиқот, объект ва мавзуи асосии он муайян гардида, асосҳои назариявӣ методологии он дақиқ карда шудаанд. Инчунин, заминаҳои эмпирикии таҳқиқот ва унсурҳои навгонии илмии мавзуи таҳқиқшуда ба таври мушаххас нишон дода шудаанд.

Нақша ва сохтори диссертатсия тавре таҳия шудаанд, ки маҷмӯи масъалаҳои муҳим ва заруриро барои ҳалли мавзуи таҳқиқшаванда дар бар мегиранд.

**Сохтори рисолаи илмӣ** бо назардошти мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, ду боб, ҳафт сархат (зербоб), хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда иборат буда, ҳаҷми умумии рисола 191 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар боби якум – «**Асосҳои конститутсионии ҳуқуқ ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ном дошта дарбаргирандаи таҳлили мукаммали назариявӣ ва ҳуқуқии ҳуқуқи конститутсионӣ ба меҳнат ҳамчун яке аз ҳуқуқҳои калидии иҷтимоӣ-иқтисодии инсон ва шаҳрванд мебошад. Дар доираи ин боб, муаллиф таҳлили низоммандонаи мафҳумҳои асосиро анҷом дода, мазмуни ҳуқуқ ба меҳнат ва озодии меҳнатро аз дидгоҳи илми ҳуқуқи конститутсионӣ равшан менамояд, инчунин тасниф ва тавсифи унсурҳои сохтории онро пешниҳод мекунад. Аз нигоҳи ӯ «ҳуқуқ ба меҳнат» ва «озодии меҳнат» ифодакунандаи як мафҳум буда, ба танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ муносибатҳои меҳнатӣ нигаронида шудаанд” (саҳ. 28).

Таваҷҷуҳи махсус ба омӯзиши асосҳои меъёрии ҳуқуқии танзими ин ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳир мегардад, ки Конститутсия, қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ, инчунин муносибати онҳо бо санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз ҷониби давлат тасдиқ шудаанд, дар бар мегирад.

Ҳамин тариқ, боби якум асосҳои назариявӣ-методологӣ ва меъёрии ҳуқуқиро барои таҳлили минбаъдаи падидаи ҳуқуқ ба меҳнат мегузорад ва аҳамияти онро барои ҷиҳати амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат ва бунёди давлати иҷтимоӣ, ки ба таъмини шароити шоистаи зиндагӣ, шуғл ва худшиносии шахсият равона шудааст, муайян менамояд.

Боби дуюм бо ногузории **«Механизми татбиқи ҳуқуқи конститутсионӣ ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** масъалаҳои марбут ба амалӣ гардондани яке аз ҳуқуқҳои асосии иҷтимоӣ-иқтисодии шахсият – ҳуқуқ ба меҳнат мавриди таҳлили ҳамаҷонибаи илмӣ қарор мегиранд. Дар боби мазкур диққат ба омӯзиши механизмҳои татбиқи ҳуқуқ, ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-институсионалӣ ва тартиботии он равона шудааст, ки тавассути онҳо мухтавои меъёрҳои конститутсионӣ дар амалияи ҳуқуқии ҳаррӯза мушаххас ва таъмин мегардад.

Дар боби мазкур муаллиф ба хулосае омадаст, ки "механизми амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ маҷмуи воситаҳои ҳуқуқии танзимкунанда ва муҳофизатии сатҳҳои гуногун мебошад, ки бо ёрии онҳо ҳуқуқҳои субъективӣ ба амал бароварда мешаванд ва дар рафтори воқеии субъектҳо таҷассум мегарданд" (саҳ.79).

Дар ин боб муаллиф пешниҳод менамояд, ки дар шароити кунунии рушди иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, ки бо тағйироти муносибатҳои меҳнатӣ, дигаргуниҳо дар бозори меҳнат ва зарурати мутобиқшавӣ ба стандартҳои байналмилалӣ ҳамроҳӣ меёбад, масъалаи татбиқи самараноки ҳуқуқ ба меҳнат аҳамияти стратегӣ пайдо кардааст. Амалӣ гардидани ин ҳуқуқ на танҳо ҳамчун додани имкони расмии ба меҳнат ҷалб гардидани шаҳрванд фаҳмида мешавад, балки ҳамчун равандест мураккаб ва бисёрсатҳа, ки фароҳамсозии муҳити мусоиди ҳуқуқӣ ва институсионалӣ, таъмини кафолатҳо, муқаррар намудани маҳдудиятҳои қонунии оқилона ва истифодаи механизмҳои самараноки ҳимоя аз вайроншавии ҳуқуқҳоро дар бар мегирад.

Муаллиф дар боби мазкур пешниҳод менамояд, ки "ҳимояи ҳуқуқи инсон ин ҳамон воситаи ҳуқуқиест, ки истифодаи он имрӯз на танҳо мувофиқи мақсад, балки барои амалишавии пурраи ҳуқуқҳои инсон зарур аст. Ин махсусан дар соҳаи фаъолияти меҳнатии шаҳрвандон муҳим арзёбӣ мегардад, ки бо сабабҳои гуногуни объективӣ ва субъективӣ бештар вайрон карда мешаванд. Аз ин рӯ, дар шароити муосир механизмҳои ҳимояи ҳуқуқ ба меҳнат дар таҳаввулоти нав қарор доранд" (саҳ.115).

Дар анҷоми таҳқиқоти худ муаллиф пешниҳодҳои мушаххасро оид ба такмили қонунгузории меҳнатӣ ҷиҳати амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат манзур намудааст.

**Мутобиқати баррасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мунавар дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат

дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ ба талаботи қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 30 сентябри соли 2021, №7 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси Мирзозода Шаҳриёр Мунавар ба ихтисоси илмии дархостшаванда, яъне 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мувофиқат мекунад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад.

**Эродхо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона, диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд, холи нест ва камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертатсияро коста намегардонад. Ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқоти ояндаи диссертант арзёбӣ мегарданд:

1. Дар зербоби 1.2. муаллиф масоили танзими ҳуқуқии ҳуқуқ ба меҳнат дар қонунгузории миллӣ ва санадҳои байналмилалиро таҳлил намуда, қайд менамояд, ки он тавассути санадҳои меъёрии зиёд мавриди танзим қарор гирифта, барои таъмини риояи вазифаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат пешбинӣ шудааст. Муаллиф танзимнамоии ҳуқуқии ҳуқуқ ба меҳнатро ба се гурӯҳ ҷудо намудааст, аз ҷумла дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии марбут ба ҳуқуқи инсон, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст ва дар қонунгузории соҳавӣ.

Дар ҷараёни таҳлил муаллиф баён менамояд, ки қабули Конститутсияи соли 1994 дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатӣ марҳалаи нав гардид. Дар фарқият аз аксари кишварҳои пасошӯравӣ дар Тоҷикистон, идомаи муқаррароти конститутсионие, ки ҳуқуқи меҳнатро танзим мекарданд, нигоҳ дошта шуд. Ҳамзамон, ба он унсурҳои наве илова карда шуданд, ки аз мазмуни санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф кардааст, бармеоянд. Дар ин ҷода аз матни рисола ба пуррагӣ дақиқ нест, ки кадом аз унсурҳои ҳуқуқи мазкур аз Конститутсияҳои қаблии даврони шӯравӣ дар матни Конститутсияи Тоҷикистон боқӣ мондаанд ва кадоме аз онҳо унсурҳои нав мебошанд. Хуб мешуд, ки рисоланавис дар ҷараёни ҳимоя ин масъаларо бо пуррагӣ инъикос менамуд.

2. Дар рисола муаллиф ба ду категорияи таснифоти ҳуқуқҳои инсон

аҳаммияти бештарро додааст. Якум, вобаста ба иштироки давлат дар таъмин ва татбиқсозӣ – ҳуқуқҳои инсон ба ҳуқуқҳои амали фавридошта ва барномавӣ ва дуюм, аз ҷиҳати мазмун ва хусусияти муносибатҳои танзимшаванда – ҳуқуқҳои инсон шахсӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мешаванд.

Ҳангоми таснифбандӣ ба̕ гурӯҳҳои мазкур муаллиф баъзе ақидаҳои баҳсбарангез пешниҳод намудааст. Масалан, ба андешаи ӯ ҳуқуқ ба меҳнат сарфи назар аз он ки ба шумораи ҳуқуқҳои иқтисодӣ тааллуқ дорад, ҳуқуқи амали фавридошта мебошад. Мавқеи худро ӯ бо он асоснок менамоем, ки дар шароити муосир амалӣ кардани ин ҳуқуқ, пеш аз ҳама, ба худи шахс вобаста мебошад. Вазифаи давлат аз он иборат аст, ки барои иҷрои он шароити заруриро фароҳам оварад.

Дуруст аст, ки вазифаи давлат дар ин самт таъмини шароити мусоид барои бо кор таъминкунии шаҳрвандон мебошад, аммо ин маънои он надорад, ки давлат бояд ҳамаро ба кор таъмин намояд ва дар ҳолати бо кор таъмин накардан, шахс метавонад ба суд барои таъмин кардан бо ҷои кор муроҷиат кунад. Хуб мешуд, ки муаллиф дар ҷараёни ҳимоя ақидаи худро пурра баён намояд.

3. Дар зербоби 2.3. муаллиф маҳдудсозии ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намудааст. Ӯ қайд менамояд, ки масъалаи танзими конститутсионии маҳдудиятҳои ҳуқуқ ба меҳнат дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи якҷоякунии банди умумӣ ва тавзеҳҳои мушаххас ба амал бароварда мешавад, яъне асосҳои умумии татбиқи маҳдудиятҳо дар моддаҳои 14 ва 47 Конститутсия муқаррар гардида, қайдҳои мушаххас бошад, дар қисмҳои 2 ва 4 моддаи 35 Конститутсия мустаҳкам шудаанд, яъне Конститутсияи кишвар дар мавриди маҳдудиятҳои ҳуқуқи меҳнат ҳам талаботи умумӣ ва ҳам махсусро муқаррар намудааст. Аммо дар раванди омӯзиши масъалаи мазкур дар ин зербоб муаллиф бештар ба масоили умумии маҳдудияти ҳуқуқ ба меҳнат эътибор додааст. Ҳолатҳое, ки ба сифати маҳдудияти махсус баромад мекунанд, ба андешаи мо бо таври кофӣ баррасӣ нашудаанд, масалан маҳдудиятҳо нисбат ба хизматчиёни давлатӣ, соҳибкорон ва дигар гурӯҳи нафароне, ки ба фаъолияти меҳнатӣ машғуланд.

4. Дар рисола муаллиф намудҳои гуногуни ҳимояи ҳуқуқи мазкурро таҳлил намудааст. Эътибори зиёд аз ҷониби муаллиф насбат ба ҳимояи судӣ оварда шудааст, аммо мутаассифона дар кор таҳлили таҷрибаи судӣ, яъне теъдоди муроҷиатҳо ба суд ва қарорҳои қабулшуда нисбати ин муроҷиатҳо таҳлил нашудааст.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулосаи диссертатсияи

Мирзозода Шаҳриёр Мунавар дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ сазовор мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) дасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Диссертатсия ва автореферат дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Суратҷаласаи семинари васеи илмӣ-назариявӣ таҳти №11/1 аз 11 августи соли 2025.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби Сафарзода Некрӯз Файзӣ – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, омода шуда, дар маҷлиси кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ шудааст. Дар ҷаласаи кафедра аз 11 нафар, 10 нафар иштирок доштанд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» -10 «зид» - нест, «бетараф» - нест. Суратмаҷлиси кафедра таҳти №11/1 аз 11 августи соли 2025.

**Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ:**
Мудири кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ
ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии
Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Рустамзода Ҷ.Ю.

**Ташхисгар:**
Мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалии
факултети ҳуқуқшиносии Академияи

идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Сафарзода Н.Ф.

**Котиби ҷаласа:**
Ассистенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ
ва молиявии факултети ҳуқуқшиносии
Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Зарипов А.Х.

Имзои Рустамзода Ҷ.Ю., Сафарзода Н.Ф.
ва Зарипов А.Х.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Зоирхонзода Ф.З.

“11” 08 соли 2025

Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
Сайт: www. apa.tj;
Почтаи электронӣ: info@apa.tj;
Факс: (+992 37) 224-17-18
Суроға: 734003, Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. Саид Носир, 33.